Дар бораи Тартиби гирифтани маълумот
аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти
алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ
ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба
шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд

070.030.010.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 103 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби гирифтани маълумот аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯйӣ намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Омода намуд:

| | | |
|---|---|---|
| Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо | ________________ | Ҳ. Ҳотамзода |

Шинос карда шуданд:

| | | |
|---|---|---|
| Муовини якуми Раис | ______________ | А. Солеҳзода |
| Муовини Раис | ______________ | Б. Султон |
| Муовини Раис | ______________ | А. Раҳимзода |
| Муовини Раис | ______________ | Н. Маликзода |
| Муовини Раис | ______________ | К. Меликзода |
| Сарраёсати маъмурикунонии андозҳо | ______________ | Ш. Кабирзода |
| Сарраёсати назорати андоз | ______________ | С. Халифазода |
| Раёсати таъмини ҳуқуқӣ | ______________ | Б. Набиев |
| Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | ______________ | Ҷ. Нурзода |
| Раёсати аудити дохилӣ | ______________ | С. Гулмуродзода |
| Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон | ______________ | И. Самадзода |
| Раёсати ситонидани қарзи андозҳо | _______________ | Ш. Сафарзода |
| Раёсати такмили қонунгузории андоз | _______________ | Н. Назирзода |
| Раёсати ҳамкории байналмилалӣ | _______________ | М. Сайфиддинова |
| Раёсати технологияҳои иттилоотӣ | _______________ | Х. Шарипов |

**Дар Вазорати адлия аз 16.02.2023,**
**№ 1216 ба қайд гирифта шуд.**

Бо фармоиши раиси
Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_23_» _12_ соли 2022, №20-ф
тасдиқ шудааст

Тартиби гирифтани маълумот аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд

1. Тартиби гирифтани маълумот аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд (минбаъд- Тартиб), бо мақсади андозбандӣ тартиби ба мақомоти андоз пешниҳод намудани маълумот дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷии ба хизматрасонии фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулбударо муайян менамояд.

2. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кумитаи андоз) бо мақсади андозбандӣ ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавии музднокро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он (минбаъд-Хадамоти алоқа) дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ё дигар модулҳои компютерӣ дар шакли электронӣ дархост ирсол менамояд.

3. Барои мақсадҳои Тартиби мазкур ба хизматрасонии фосилавӣ дохил мешаванд:

- додани ҳуқуқи истифодабарии таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (аз ҷумла бозиҳои компютерӣ) ва махзани электронии маълумот тавассути шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба онҳо, инчунин таҷдиди онҳо ва имкониятҳои иловагии функсионалӣ;

- амалӣ намудани хизматрасонии рекламавӣ дар шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла аз ҳисоби истифодаи таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ё махзани электронии маълумоти дар шабакаи иттилоотӣ коммуникатсионӣ истифодашаванда, инчунин пешниҳоди майдонҳои рекламавӣ дар шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ;

- анҷом додани хизматрасонӣ оид ба ҷойгиркунии пешниҳодҳо дар бораи харид (фурӯш)-и мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳуқуқҳои молумулкӣ дар шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ;

- анҷом додани хизматрасонӣ тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста ба пешниҳодҳои техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва имкониятҳои дигар, ки бо истифода аз система ва технологияҳои иттилоотӣ барои ташкил намудани алоқа ва бастани шартномаҳо (аҳдҳо) байни фурӯшандагон ва харидорон (тавассути майдонҳои савдои дар шабакаи интернет дар вақти воқеӣ амалкунанда, ки дар он ба харидорони воқеӣ арзиши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) тавассути расмиёти автоматикунонидашуда пешниҳод гардида, тарафҳо ҷиҳати ба савдо баровардани онҳо, тариқи ташкили огоҳонии автоматӣ хабардор мешаванд);

- таъмин ва (ё) нигоҳдории фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дастгирии захираҳои электронии истифодабарандагон, аз ҷумла сомонаҳо ва (ё) саҳифаҳои сомонаҳо дар шабакаи интернет, таъмини дастрасии истифодабарандагони дигар ба шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ;

- бурдҳои интерактивӣ барои қиморбозӣ дар идораҳои букмекерӣ;

- таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин ба истифодабарандагон фароҳам овардани имконияти тағйир додани онҳо;

- нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот, ба шарте ки шахси чунин иттилоотро пешниҳоднамуда имконияти дастрасӣ ба онро тавассути шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ дошта бошад;

- дар низоми вақти воқеӣ пешниҳод намудани иқтидорҳои ҳисобкунӣ барои дар низоми иттилоотӣ ҷойгир намудани иттилоот;

- пешниҳоди номгузории доменҳо, хизматрасонии хостингӣ;

- пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба маъмурикунонии низоми иттилоотӣ, сомонаҳо дар шабакаи интернет;

- пешниҳоди хизматрасоние, ки ҳангоми аз ҷониби харидори хизматрасонӣ ворид намудани маълумот ба воситаи шабакаи интернет тариқи худкор анҷом дода мешавад, хизматрасонии автоматикунонидашуда оид ба ҷустуҷӯйи маълумот, интихоби маълумот аз рӯйи дархостҳо, ба воситаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба истифодабарандагон пешниҳод намудани маълумоти мазкур (аз ҷумла маълумотномаи биржаи коғазҳои қиматнок дар реҷаи вақти воқеӣ, интиқоли автоматӣ дар реҷаи вақти воқеӣ);

- додани ҳуқуқ барои истифодаи китобҳои электронӣ (нашрияҳо) ва нашрияҳои дигари электронӣ, маводди иттилоотию таълимӣ, тасвирҳои графикӣ, асарҳои мусиқӣ бо матн ё бе матн, асарҳои аудиовизуалӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба онҳо ҷиҳати тамошо кардан ё шунидан, тариқи шабакаи интернет;

- пешниҳоди хизматрасонӣ ба фармоишгар доир ба дарёфт ва (ё) пешниҳоди маълумот оид ба харидорони эҳтимолӣ;

- пешниҳоди дастрасӣ ба низоми ҷустуҷӯйӣ дар шабакаи интернет;

- пешбурди омор дар сомонаҳои шабакаи интернет.

4. Барои мақсадҳои Тартиби мазкур ба хизматрасонии фосилавии зерин дохил намешаванд:

- фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), агар ҳангоми фармоиши тавассути шабакаи интернет анҷомдодашуда таҳвили мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) бе истифода аз шабакаи интернет амалӣ гардад;

- фурӯш (додани ҳуқуқи истифодабарӣ)-и барномаҳо барои мошинаҳои электронии ҳисоббарор (аз ҷумла бозиҳои компютерӣ), махзани маълумот дар ҳомилҳои моддӣ;

- пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ тавассути почтаи электронӣ;

- пешниҳоди хизматрасонӣ вобаста ба додани дастрасӣ ба шабакаи интернет.

5. Тибқи дархости Кумитаи андоз ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадор мебошанд, ки маълумоти зеринро аз рӯйи амалиёти анҷомдодаи шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи шакли замимаи 1 Тартиби мазкур дар давоми 5 рӯзи корӣ дар шакли хаттӣ ё дар шакли электронӣ тавассути модули компютерӣ пешниҳод намоянд:

- санаи пардохти маблағ ба шахсони хориҷӣ вобаста ба анҷом додани хизматрасонии фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- номи шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ;

- маблағи пардохт;

- намуди хизматрасонии фосилавӣ.

6. Тибқи дархости Кумитаи андоз Хадамоти алоқа уҳдадор мебошанд, ки маълумоти зеринро тибқи шакли замимаи 2 Тартиби мазкур дар давоми 5 рӯзи корӣ дар шакли хаттӣ ва ё дар шакли электронӣ тавассути модули компютерӣ ба Кумитаи андоз пешниҳод намояд:

- санаи пардохти маблағ ба шахсони хориҷӣ вобаста ба анҷом додани хизматрасонии фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- номи шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ;

- маблағи пардохт;

- намуди хизматрасонии фосилавӣ;

- суроғаи шабакавӣ ё протоколи интернетии (IP) таҷҳизоти қабулкунандаи хизматрасонии фосилавӣ.

7. Дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо мақсади андозбандии хизматрасониҳои фосилавии шахсони хориҷӣ мутобиқи талаботи Кодекси андоз уҳдадоранд, ки бо дархости Кумитаи андоз маълумоти дар бандҳои 5 ва 6 Тартиби мазкур пешбинишударо дар давоми 5 рӯзи корӣ пешниҳод намоянд.

8. Агар хизматрасонии фосилавӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 258 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубнабуда анҷом дода шавад, амалиёти чунин шахсон дар маълумоти ба мақомоти андоз пешниҳодшаванда ба инобат гирифта намешавад.

9. Кумитаи андоз бо дар назар доштани бандҳои 5 ва 6 Тартиби мазкур ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва Хадамоти алоқа барои анҷом додани мубодилаи электронии маълумот ба модули компютерӣ дастрасӣ медиҳад.

10. Модули компютерӣ аз ҷониби Кумитаи андоз, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва Хадамоти алоқа танҳо барои мақсадҳои ирсол намудани дархост ва гирифтани маълумоти дар Тартиби мазкур пешбинишуда истифода мегардад.

11. Маълумоти тибқи бандҳои 5, 6 ва 7 Тартиби мазкур пешниҳодшаванда аз ҷониби роҳбар (шахси ваколатдор)-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тасдиқ карда мешавад.

12. Дархости Кумитаи андоз ва маълумоти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Хадамоти алоқа, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар махзани электронӣ дар мухлатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад.

13. Барои пешниҳод намудани маълумоти дар Тартиби мазкур пешбинишуда, шахсони мансабдори ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Хадамоти алоқа, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ масъулияти бевосита доранд.

Замимаи 1
ба Тартиби гирифтани маълумот аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд

______________________________________________
роҳбар (шахси ваколатдор)-и ташкилоти қарзии молиявӣ ё дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ

__________ ______________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

аз «___» _________ соли 20__

ҶМ

# Маълумот оид ба хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ

| № | Санаи пардохти маблағ ба шахсони хориҷӣ | Номи шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ | Маблағи пардохт | Намуди хизматрасонии фосилавӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

Замимаи 2
ба Тартиби гирифтани маълумот аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хадамоти алоқа ва сохторҳои он, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бораи интиқоли маблағ ба шахсони хориҷие, ки хизматрасонии фосилавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд

______________________________
роҳбар (шахси ваколатдор)-и Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои он ё дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ

_________ ____________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падар)
аз «___» _________ соли 20__
ҶМ

## Маълумот оид ба хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ

| № | Санаи пардохти маблағ ба шахсони хориҷӣ | Номи шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи хизматрасонии фосилавӣ | Маблағи пардохт | Намуди хизматрасонии фосилавӣ | Суроғаи шабакавӣ ё протоколти интернетии (IP) таҷҳизоти қабулкунандаи хизматрасонии фосилавӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |